«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
_______________ Ибодзода З.Ҳ.
аз «07» ноябри соли 2025 № 47

# НИЗОМНОМА
# ДАР БОРАИ ҶАМЪИЯТИ НАВОВАРОН (РАТСИОНАЛИЗАТОРОН) ДАР МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Низомнома дар бораи ҷамъияти навоварон (ратсионализаторон) дар МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти навоварӣ" (26.07 соли 2014, №1123), "Дар бораи ихтироотҳо" (02.01 соли 2019, №1568), Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (10.06 соли 2021, №210) ва Низомнома оид ба фаъолияти навоварӣ (ратсионализаторӣ) дар МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» таҳия гардидааст.

1.2 Ҷамъият воҳиди сохтории доимии машваратии Раёсати илм ва инноватсия буда, дар асоси ҷамъиятӣ ва мутобиқи Низомномаи мазкур амал мекунад.

## 2. Ҳайати ҷамъият, қоидаҳои қабули аъзои Ҷамъият

2.1 Ҷамъият аз раис, аъзои ҷамъият ва котиб иборат аст. Раис бо фармоиши ректор бо пешниҳоди проректор оид ба илм ва инноватсияи донишкада таъин ва озод карда мешавад;

2.2 Аъзои Ҷамъият аз рӯйи моликияти зеҳнӣ аз ҳар як бахши донишкада (таълимӣ, илмӣ, табобатӣ) ва олимони бонуфузи дигар муассисаҳои олии таълимӣ таъин карда мешаванд;

2.3 Ҳайати Ҷамъият аз ҷониби Шурои олимон ва фармоиши ректори донишкада бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишкада ба мӯҳлати 3 сол тасдиқ карда мешавад;

2.4 Вазифаи раиси Ҷамъияти моликияти зеҳниро раиси Ҷамъияти навоварон (ратсионализаторон)-и донишкада иҷро менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишкада бо фармоиши ректор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад;



Сканировано с CamScanner

2.5 Раис фаъолияти Ҷамъиятро тибқи муқаррароти мазкур ба нақша мегирад, ташкил, ҳамоҳанг ва назорат мекунад инчунин намояндаи ваколатдори манфиатҳои соҳиби ҳуқуқ дар мақомоти ҳуқуқӣ ва дигар, ҷойҳо, новобаста аз сатҳ ва маҳалли ҷойгиршавии онҳо мебошад.

## 3.Вазифаҳои Ҷамъият

3.1 Мусоидат намудан барои нигоҳдорӣ ва фароҳам овардани шароит дар эҷоди объектҳои моликияти зеҳнӣ аз ҷониби кормандони донишкада;

3.2 Тасдиқи объектҳои моликияти зеҳнӣ;

3.3 Таъмини бехатарии объектҳои моликияти зеҳнӣ ва афзоиши онҳо;

3.4 Ҳангоми таҳияи шартномаҳо оид ба истифодаи объектҳои моликияти зеҳнӣ бо шахсони сеюм манфиатҳои аввалин дараҷаи соҳиби моликияти зеҳниро химоя намудан;

3.5 Назорати нигоҳдории объектҳои моликияти зеҳнӣ ҳангоми татбиқи ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби тарафҳо;

3.6 Тасдиқи тартиб ва усулҳои истифодаи объектҳои моликияти зеҳнӣ мутобиқи Низомнома «Дар бораи комиссияи экспертизаи асарҳои дастнависӣ», «Оид ба фаъолияти навоварӣ (ратсионализаторӣ)»-и Раёсати илм ва инноватсия;

3.7 Пешгирӣ кардани ҳолатҳои истифодаи беиҷозати моликияти зеҳнии донишкада;

3.8 Ҳимояи манфиатҳои дорандаи ҳуқуқи муаллиф дар ҳолатҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва дигар ҳолатҳои марбут ба истифодаи беиҷозати объектҳои моликияти зеҳнӣ.

## 4. Ҳуқуқҳои Ҷамъият

4.1 Аз эҷодкор(он) объектҳои моликияти зеҳни ҳамаи маълумоти зарурӣ ва иловагии илмӣ, техникӣ ва дигар маълумоти зарурииро барои эътироф намудани объекти моликияти зеҳнӣ талаб намояд;

4.2 Аз эҷодкори (они) объектҳои моликияти зеҳни риояи тартиб ва реҷаи истифодаи объектҳои моликияти зеҳниро талаб намояд;

4.3 Масъалаҳои муайян кардани ҳифзи объектҳои моликияти зеҳниро ҳаллу фасл намояд;

4.4 Муайян кардани таҳдидҳо ва дараҷаи эҳтимолияти онҳо аз ҷониби субъектҳои хатарноки нисбат ба истифодаи беиҷозати маълумоти махфии дар объекти моликияти зеҳнӣ мавҷудбуда;

4.5 Муайян намудани андозаи зараре, ки дар натиҷаи бе иҷозат истифодабарии маълумоти махфии дар объекти моликияти зеҳнӣ мавҷудбуда;



Сканировано с CamScanner

4.6 Тадбирҳои комилан мувофиқ муносибро оид ба ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ таҳия менамояд;
4.7 Ҳаллу фасл намудани хамаи масъалаҳои баҳсталаби ба вукуъомада миёни намоянда/гон ва истифодабарандагони объектҳои моликияти зеҳнӣ.

## 5.Тарзи корбарӣ дар Ҷамъият

5.1 Эътирофи объекти моликияти зеҳнии донишкада бо розигӣ ва бо ваколати эҷодкунандаи/гони объектҳои моликияти зеҳнӣ амалӣ карда мешавад;
5.2 Дар аризаи навоварӣ/таклифи рационализаторӣ дар бораи дорандаи ҳуқуқи муаллиф сабти махсус гузошта мешавад;
5.3 Ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳни, ки дар шакли навоварӣ/таклифҳои рационализаторӣ ва объектҳои ба онҳо баробар ба расмият даровардa нашудаанд, дар асоси аризаи эҷодкунандагони объекти моликияти зеҳни амалӣ мегардад;
5.4 Ариза дар бораи эътироф намудани объекти моликияти зеҳнӣ аз ҷониби котиби масъули ҷамъият қабул карда мешавад;
5.5 Раис, дар сурати набудани ӯ муовини раис аз ҳисоби кормандони салоҳиятдори донишкада ё аз ҷумлаи шахсони аз дигар муассисаҳои олии таълимӣ даъватшуда (на камтар аз 2 нафар) тақризгаронро таъин мекунад;
5.6 Маҷлиси Ҷамъият дар сурати ҳозир будани на камтар аз 2/3 ҳиссаи иштирокчиён ваколатдор дониста мешавад;
5.7 Эътироф кардани объекти моликияти зеҳни бо тариқи овоздиҳии кушоди аъзоёни Ҷамъият сурат мегирад;
5.8 Қарори қабулнамудаи Ҷамъият ниҳоӣ буда, мавриди баррасии аризаи норизоӣ қарор дода намешавад;
5.9 Баъди қабули қарори мусбӣ объектҳои моликияти зеҳнӣ ба феҳристи моликияти зеҳнии донишкада ворид карда мешаванд ва ба муаллиф/ҳо «Шаҳодатнома» дар шакли замимаи ҳамин Низомнома нишондодашуда дода мешавад;
6.0 Ҳангоми қабули қарори мусбӣ аз ҷониби Ҷамъият ба муаллифони эҷодкори навоварӣ бо қарори Шурои олимон ва фармиши ректор ба маблағи 300 доллари ИМА ( муодил бо пули миллӣ) ва ба муаллифони пешниҳодҳои ратсионализаторӣ 1000 сомонӣ ҳаққи қалам пардохт карда мешавад.

## 6. Қоида ва аз кор озод кардани аъзои Ҷамъият

6.1 Раиси Ҷамъият бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишкада бо фармоиши ректор аз вазифа озод карда мешавад;



Сканировано с CamScanner

6.2 Аъзои ҷамъият, ки вазифаҳои худро иҷро намекунанд ва муқаррароти низомномаи мазкурро риоя намекунанд, бо фармоиши муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишкада аз вазифа озод карда мешаванд.

Низомнома дар Шурои олимони донишкада «31» октябри соли 2025 (протоколи №3/3-2) баррасӣ гардида, маъқул дониста шудааст.



Сканировано с CamScanner